ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Аҳмадов Дилшодбег Шарифович дар мавзуи "Маҳсулнокии зағири равғандиҳанда вобаста аз меъёрҳои гуногуни истифодаи нуриҳои маъданӣ дар заминҳои лалмии водии Ҳисор" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод гардидааст.

Ҳукумати мамлакат роҳҳои пешбурди минбаъдаи ҷумҳурӣ ва зина ба зина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро дар доираи ҳадафи асосии стратегӣ – таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар тарҳрезӣ намуда, онро тадриҷан амалӣ гардонида истодааст. Ба Истиқлолияти давлатӣ расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷорӣ шудани муносибатҳои иқтисодии бозоргонӣ дар ҷомеа, инчунин дар хоҷагиҳои шаклашон гуногун истифода гардидани замин аз кормандони комплекси агросаноатии мамлакат талаб менамояд, ки захираҳои заминҳои корам дар ҷумҳурӣ самаранок ва оқилона истифода бурда шаванд.

Тадқиқоти илмии довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., дар доираи яке аз масъалаҳои асосии растанипарварӣ, муайян намудани меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои маъданӣ барои зағири навъҳои маҳаллии ноҳиябандишуда дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини водии Ҳисор бахшида шудааст. Дар шароити тағйирёбии иқлими солҳои охир, махсусан гармшавии ҳаво ва боришоти нокифояи атмосферӣ дар заминҳои лалмӣ ва риояи нодурусти омилҳои асосии технологияи парвариш, аз он ҷумла меъёрҳои оптималии истифодабарии нуриҳои маъданӣ гирифтани ҳосили баланд ғайриимкон мебошад.

Бинобар сабаби нокифоя омӯхтани баъзе масъалаҳои агротехникаи парвариши навъҳои зағири равғандиҳандаи маҳаллии ноҳиябандишудаи "Ҳисор – 10" ва зағири "Ҳисор – 474" дар шароити заминҳои лалмии водии Ҳисор, довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., бо роҳи гузоштани таҷрибаҳои илмии саҳроӣ меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои маъданиро бо усулҳои муосир таҳқиқ намудааст.

Тадқиқоти муаллифи диссертатсия яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи кишоварзии мамлакатро дар бар гирифта, аз коркарди усулҳои инноватсионии парвариши навъҳои зағири ноҳиябандишудаи маҳаллӣ, аз он ҷумла меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои маъданӣ иборат мебошад.

Муаллифи тадқиқот Аҳмадов Д.Ш., илман асоснок намудааст, ки дар заминҳои лалмии аз боришоти атмосферӣ таъмини водии Ҳисор

барои зағири навъҳои маҳаллии ноҳиябандишудаи “Ҳисор – 10” ва “Ҳисор – 474” истифодабарии 60 кг моддаҳои ғизоии нитрогенӣ, 60 кг фосфорӣ ва 45 кг калийгӣ дар 1 гектар дар намуди моддаи таъсирбахш истифода шавад. Ӯ тавсия медиҳад, ки нуриҳои фосфорӣ ва калийгӣ дар тирамоҳ пеш аз коркарди асосии хок ва нитрогенӣ дар давраи нашъунамо истифода бурда шавад.

Дар умум, кори диссертатсионии Аҳмадов Дилшодбег Шарифович тадқиқоти илмии ба итмом расида ба шумор рафта, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои кишоварзӣ,
ходими калони илмии шуъбаи
агрохимияи Институти хокшиносӣ
ва агрохимияи АИКТ Асрориён А.Ҷ.

Суроға: индекс, 734016, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ
кӯчаи Карамов 7/3, Тел: (+992) 985110100
E-mail: asrorov. abduhamid@mail.ru

Имзои А.Ҷ. Асрориён - ро тасдиқ мекунам:
Сармутахассис оид ба кадрҳои Институти
хокшиносӣ ва агрохимияи АИКТ Холова С.У.

Суроғаи муассиса:
индекс, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21[а]
Тел: 2214612, E-mail: khokshinos@mail.ru

“02” “сентября” 2026 сол